**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз _______с.2023 №_____ тасдиқ карда шудааст**

# Дастурамали
## Шакли №2 –СА (солона)
## Ҳисобот дар бораи ба кор андохтани объектҳо, фондҳои асосӣ ва истифодаи сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ (маблағгузорӣ).

## Қоидаҳои асосии низоми тартиб додани ҳисоботи омори оид ба сохтмони асосӣ

### 1. Мафҳумҳои асосӣ

**Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ** - маҷмӯи хароҷоте, ки ба сохтмон, таҷдид (аз ҷумла васеъкунӣ ва навсозӣ)-и объектҳо, ки боиси афзоиши арзиши ибтидоии онҳо мегардад, ба даст овардани мошин, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, таҷҳизоти истеҳсолӣ ва маишӣ, ташаккули галаи ҳайвонҳои корӣ, маҳсулдеҳ ва зотӣ, шинонидан ва парвариши зироатҳои бисёрсола равона гардидааст.

Ба сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дохил мешавад сармоягузорӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ: корҳои илмӣ, адабиёт ва санъат; Нармафзори компютерӣ ва махзани маълумотҳо, ихтироот, моделҳои муфид, намунаҳои саноатӣ, дастовардҳои селексионӣ, хароҷоти ҷустуҷӯии амалигардидаи ғайримоддӣ, хароҷот барои корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию лоиҳакашӣ, корҳои технологӣ ва ғайра.

Хароҷотҳо барои ба даст овардани объектҳои нопурраи сохтмонӣ ва воситаҳои асосӣ дар бозори дуюмдараҷа ба ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ба назар гирифта намешаванд. Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ бе андоз ба арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифта мешавад (ба истиснои ҳолатҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ААИ ба арзиши воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ дохил карда мешавад).

**Сармоягузорҳо ба дороиҳои ғайримолиявии ғайриистеҳсолӣ** – хароҷотҳои шахсони ҳуқуқӣ барои ба даст овардани моликият ба қитъаи замин, объектҳои истифодабарии табиат, қарордодҳо, шартномаҳои иҷора, иҷозатномаҳо (аз ҷумла ҳуқуқи истифодаи объектҳои табиӣ), эътибори корӣ («гудвил») ва робитаҳои корӣ (дороиҳои маркетингӣ) дохил мешаванд.

Хароҷотҳо барои ба даст овардани қитъаҳои замин ва объектҳои истифодабарии табиат дар асоси ҳуҷҷатҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ оид ба захираҳои замин ва идоракунии замин мутобиқи ҳисобҳои пардохт ё қабули пардохт инъикос карда мешаванд.

Агар ҳисобу китоб барои корҳои (хизматрасонӣ) иҷрошуда бо асъори хориҷӣ анҷом дода шуда бошад, пас ин ҳаҷмҳо тибқи қурби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар лаҳзаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба сомонӣ табдил дода мешаванд. Хароҷотҳо барои хариди мошинҳо, таҷҳизот ва дигар воситаҳои асосӣ, ки бо асъори хориҷӣ амалӣ гардидаанд дар санаи қабули декларатсияи гумрукии бор барои барасмиятдарории гумрукӣ, лаҳзаи убури сарҳад ё тибқи шартҳои шартнома муқарраршуда бо сомонӣ аз нав ҳисоб карда мешавад.

## 2. Қоидаҳои умумӣ

2.1 Ҳисоботи омориро дар бораи сохтмони асосӣ, субъекҳои хоҷагидор (фармоишгарон), соҳибкорон (корхонаҳою ташкилот, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бинокорон), яъне субъектҳое, ки сармоягузорӣ карда ба нишонӣ ва мӯҳлати дар варақаҳои шакли ҳисобот нишон додашуда пешниҳод мекунанд. Ҳамаи бинокорон сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияти идораашон ҳисоботи оморӣ пешниҳод мекунанд.

2.2 Ҳисоботи оморӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии аввалия, ки мувофиқи тартиботи муқарраршуда расмият дода шудаанд, тартиб дода мешавад. Маълумоти ба ҳисобгирии аввалия ва маълумоте, ки дар ҳисобот нишон дода мешавад, набояд фарқ кунад.

1.3 Ҳисоботи оморӣ бояд аз рӯи ҳайати ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда, ки дар охири давраи ҳисобот фаъолият мекунанд, пешниҳод карда мешавад. Аз рӯи қисматҳои сохторӣ ва иншоотҳои сохтмон, ки дар соли ҷорӣ қабул карда ё ба дигар ташкилот дода шудаанд, ҳамаи нишондиҳандаҳо ба ҳисоботи аввали сол, яъне барои ҳамаи давраи ҳисобот, сарфи назар аз санаи хориҷ ё қабул кардани қисматҳо мутобиқ ё хориҷ карда мешаванд. Дар мавриди дар давраи ҳисобот барҳам хӯрдани ягон қисмат ё иншооти сохторӣ тамоми маълумоте, ки ба он мансуб аст, аз ҳисобот хориҷ карда намешавад. Дар сурати дар давраи охирини ҳисоботи фаъолияти худ барҳам хӯрдан ё таъғйир ёфтани шакли моликияти ташкилоти ҳисоботдиҳанда низ дар варақҳои ҳамаи шаклҳои ҳисоботи солона дар бораи сохтмони асосӣ иттилоот пешниҳод мекунад.

1.4. Ҳисоботи оморӣ дар бораи сохтмони асосӣ қатъиян дар мӯҳлати муқараршудаи тақсими давраи ҳисобот тартиб дода мешавад. Корхонаҳои аз нав таъсис дода шуда итилооти омориро аз рӯзи ба қайд гирифтанаи он то охири давраи ҳисобот пешниҳод менамоянд.

1.5. Субъекти хоҷагидор – ё ки ба ҳайати онҳо воҳидҳои мустақили истеҳсолӣ дохил мешаванду , дар ҳисоботи оид ба сохтмони асосӣ, ки ба мақомоти омори давлатӣ пешниҳод мекунанд, дар бораи воҳидҳои мустақили истеҳсолии тобеи худашон маълумот дохил намекунанд.

1.6 Ба маълумотҳое ки аз ҳисоби маблағузории мутамарказӣ мураттаб шудаанд ва хароҷоти сохтмон аз ҳисоби маблағгузории иловагӣ, ки мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурӣ, инчунин аз ҳисоби қарзи давлат ҷудо карда шудаанд.

Ба маълумоти «аз ҳисоби маблаҒи корхона (ташкилот )» хароҷоти иловагӣ низ, ки аз ҳисоби маблаҒҳои худи корхона ва қарзҳои бонкҳо сурат гирифтаанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

1.7. Агар иншооти сохтмонӣ ба тариқи ҳиссагузории якчанд корхона (ташкилот) сурат гирифта бошад дар бораи чунин иншоот дар ҳисоботи оморӣ оид ба сохтмони асосии корхона (ташкилот), бинокори соҳибунвон бинокорӣ асосӣ додааст маълумот сабт карда мешавад.

Корхона ва ташкилоти ҳиссагузор, ки сармояро ба бинокори асосӣ додааст, дар ҳисоботи оморӣ ин маблаҒҳои гузошташударо нишон медиҳад.

1.8. Субъекти хоҷагидор оид ба сохтмони асосӣ, ки маълумоти сохтмони асосӣ, чӣ аз ҳисоби маблаҒгузории мутамарказӣ ва чӣ аз ҳисоби маблаҒи корхона (ташкилот ) сурат гирифтааст, ҳисобот тартиб медиҳад.

## 3. Тарзи пуркунии ҳисобот

2.1 Аз рӯи ин шакл субъекти хоҷагидор ҳисобот тартиб медиҳанд:

-корхонаҳои (ташкилотҳои) давлатӣ сарфи назар аз тобеъияти идоравӣ;

-корхонаҳои иҷоракор; ташкилотҳои ҷаъмиятӣ (ташкилотҳои ҷаъмиятӣ имдодии мудофиа, иттифоқи кормандони эҷодӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҷаъмиятҳои ихтиёрии варзиши ва Ғайра );

-корхонаҳои колективӣ, ҷаъмиятҳои саҳомӣ, ҷаъмиятҳои хоҷагӣ ва фаъолияташон маҳдуд ва дигар иттиҳодияҳо; кооперативҳои сохтмони, сохтмони бӯстонсарой ва гаражсоз ва ширкатҳои боҒдорӣ ;

-кооперативҳои ҳамаи соҳаҳои иқисодиёт, Ғайр аз кооперациям матлубот;

-корхонаҳои хурд, сарфи назар аз шакли моликияташон

-лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- соҳибкорони инфиродӣ.

Ҳамчунин аз рӯи ин шакл хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои байни хоҷагӣ ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ, ҳамаи сохторҳои истеҳсолие, ки ба иҷоракории дохилии хоҷагӣ гузаштаанд (пурра ба пудратӣ дохили хоҷагӣ гузаштаанд), ҳисобот пешниҳод мекунанд.

2.2 Бинокороне, ки дар тавозуни онҳо дар сохтмони нотамоми аввали соли ҳисобот хароҷоти иншоотҳои аз ҳисоби маблаҒ бино шудаистода дарҷ шудаасту, аммо дар соли ҳисобот маблаҒгузориро иҷро накардаанд, низ аз рӯи шакли №2 СА (солона) нишондиҳандаҳои дахлдорро пур карда ҳисобот пешниҳод менамоянд.

2.3 Корхонаҳо (ташкилотҳо) - и бинокор (Ғайр аз корхонаҳои ташкилотҳои давлатии кишоварзӣ, корхонаҳою ташкилотҳои байнихоҷагӣ инчунин дигар ташкилотҳои кооперативӣ), ки дар ҳудуди ду ва бештар вилоятҳо ё ноҳияҳои ҷумҳурӣ корҳои сохтмониро ба ҷо меоранд, дар вараҚаи алоҳидаи шакли №2 – СА (солона ) аз рӯи сохтмони ҳудуди ҳар кадом вилоят ё ноҳияи зикршуда ҳисобот пешниҳод менамоянд.

Бинокорон ба идораи омории маҳалли ҷой гирифтаашон дар мӯҳлати дар шакли ҳисобот нишон дода шуда ҳисобот пешниҳод мекунанд. Дар ин маврид

дар ҳар кадом варақаи ҳисобот номи вилоят ё ноҳияи ҷумҳуриро, ки дар он ҷо сохтмон идома дорад, дарҷ мекунанд.
Дар сохтмонҳои асосӣ (лӯлаи интиқоли нафт, хати алоқа, роҳҳои оҳан, роҳҳои автомобилгард ва ғайра ), ки дар ҳудуди якчанд вилоят ё ноҳияи ҷумҳурӣ давом доранд, ба кор андохтани фондҳои асосӣ ва сармоя аз рӯи ҳар кадом вилоят ё ноҳия бо назардошти ҳаҷм муайян карда мешавад, ки ба қитъаҳои ҷудогона ва обектҳои ин сохтмони ҳудуди вилоят ё ноҳиявӣ дахл доранд.

2.4. Корхона ва ташкилотҳое, ки дар қатори сармояи худ оид ба сохтмони бӯстонсарой ва кооперативи саройсоз, ё барои ширкатҳои боғдорӣ вазифаи фармоишгарро иҷро менамоянд, бояд дар бораи сохтмони кооперативҳо ва ширкатҳои номбаршуда аз рӯи шакли ҳисоботи №2 СА (солона) ҳисоботи алоҳида пешниҳод намоянд. Дар қисми нишонии ҳар кадом ҳисобот мутобиқан «дар бораи сохтмони кооперативи бӯстонсарой---------»,ё «дар бораи сохтмони кооперативи сохтмони саройи -------», ё «дар бораи сохтмони ширкати боғдорӣ » навишта ва номи онҳо дарҷ карда мешавад

2.5 Алоқамандии зарурии мантиқӣ ва арифметикии нишондиҳандаҳои омории шакли №2 СА (солона) бевосита дар варақаи он сабт шудаанд.

## Ба кор андохтани фондҳои асосӣ ва сохтори маблағгузорӣ

2.6. Дар сутунҳои 2, 3, 4 ва 5, ҳамин фасл нишон дода мешаванд: маълумотҳои объектҳои истеҳсолии соли дахлдори ҳисобот, ки аз ҳисоби маблағгузории мутамарказӣ, маблағи корхона ва дигар маблағҳо бунёд шудаанд, дарҷ карда мешаванд; яъне аз рӯи он иншоотҳое, ки баъди ба итмом расидани сохтмонашон дар бахши истеҳсолоти неъматҳои моддӣ фаъолият менамоянд, сабт карда мешаванд. Тақсими фондҳои асосӣ ва маблағгузорӣ ба объектҳои истеҳсолӣ дар ҳисоботи шакли №2- СА (солона) бо назардошти таъиноти объектхомувофиҚи намуди фаъолияти иктисоди сурат мегирад.
2.7 Дар сатри 001 маълумотҳо дар бораи арзиши фондҳои асосии ба кор андохташуда дарҷ карда мешаванд.
Ба таркиби фондҳои асосии ба кор андохташаванда дохил карда мешаванд: арзиши корхонаҳои сохтмонашон пурра (пурра ё бо навбатҳои ҷудогона бо маҷмӯъҳои ба истифода додашаванда бо сеххои, итехсолот) ва дар соли ҳисобот ба истифодадода додашавандаи, бино ва иншоот, хатти роҳи оҳан, роҳҳои автомобилгард, фурӯдгоҳҳо, воситаҳои алоқа, хатти интиқоли қувваи барқ, обектҳои соҳаи кишоварзӣ, системаҳои обёрӣ, хушконӣ ва обёрӣ, каналҳо ва иншоотҳои гидротехникӣ, биноҳои савдо ва анборҳо, корхонаҳои хӯроки умумӣ, хонаҳои истиқоматӣ, муасисаҳои илмӣ, маориф, санъат, фарҳанг, тандурустӣ, биноҳои маъмурӣ, биною иншоотҳои ёрирасон (аз ҷумла хароҷоти беҳдоштии ҳудуди сохтмон ва дигар корҳое, ки ба таркиби обектҳои сохташаванда дохил мешаванд); арзиши дастгоҳҳо, мошинҳо, васоити ҳамаи намудҳои наклиётии ба истифода додашуда, ба сметаи сохтмон хоҳ дохил шаванд хоҳ дохил нашаванд, васлкориро тақозо мекунанд, ё намекунанд:

арзиши асбобу анҷоми харидашуда ва дигар ашёи ба фондҳои асосӣ дохил кардашуда, инчунин арзиши асбобу анҷоми арзонбаҳо ва зудфарсой ба сметаи сохтмони обектҳои пешбиншуда; хароҷоти таъмини маъмурияти корхонаи сохташаванда ва назорати техникӣ, инчунин назорати муаллифии ташкилотҳои лоиҳакашӣ; арзиши корҳои лоиҳакашию таҳиқотӣ ( якбора ба кор андохтани обектҳо); арзиши корҳои беҳдоштии симои шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин; арзиши чорвои корӣ ва сермаҳсул, ки корхонаҳою ташкилотҳои ғайрикишоварзӣ харидаанд ва дигар хароҷот, дохил карда намешаванд;

Ба фондҳои асосӣ хароҷоти биноҳои муваққатии беунвон, иншоот ва дастгоҳ, ки дар вақти сохтмон аз ҳисоби хароҷоти иловаи ташкилотҳои бинокор бунёд карда шудаанд; ашёе, ки сарфи назар аз арзишашон камтар аз як сол хизмат кардаанд, хароҷоти хариди либос, пойафзоли махсус сарфи назар аз арзишу мӯҳлати хизматашон хароҷоти кашфиёти геологӣ, заминсозӣ ва корҳои бунёди ҷангал, ки ба сохтмони объектҳои муайян алоқаманд нестанд; пули хароҷоте, ки аз ҳисоби маблағи буҷет барои масрафи амалиёт ҷудо кардаи шудааст, сарф карда мешавад; хароҷоти ташкили рамаи асосӣ ва дигар хароҷот; инчунин хароҷоте, ки арзиши фондҳои асосиро афзун намекунанд, пули аз ҳисоби маблағгузорӣ барои харидани бино, ииношоот ва дигар фондҳои асосӣ сарф кардашуда хароҷоти ба шаҳрвандон ҷуброн кардани арзиши сохтмон ва дарахтони ба онҳо дахлдошта, ки дар вақти ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмон вайрон карда мешаванд; маблағи андоз аз фурӯш, хароҷоти тайёр кардани кадрҳо, ба истифодадиҳӣ, барои фаъолияти асосии корхонаи сохташаванда, ки дар ҳисоби ҷамъбастии сметаи арзиши сохтмони ин корхонаҳо ба назар гирифта шудаанд;

хароҷоти муваққатан боз доштани сохтмон ва дигар хароҷот.

Дар сатри - 002 нишон дода мешавад;

Ҳаҷми умумии маблағгузорие, ки аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар соли ҳисоботи супурдашаванда ва ҷӣ дар сохтмоне, ки ба соли дигар гузаронида шудааст, иҷро карда мешавад.

2.8. Дар сатри 003 нишон дода мешаванд:

Ҳаҷми умумии корҳои сохтмону васлгарӣ, ки ба тариқи пудрат ва усули хоҷагидорӣ ҷӣ дар обектҳои дар соли ҳисоботи супурдашаванда ва ҷӣ дар сохтмоне, ки ба соли дигар гузаронида шудааст, иҷро карда мешавад.

Ба корҳои сохтмон мансубанд: корҳои сохтмон, васеъ кардан ва таҷдиди, биною иншоотҳои (унвондори) доимӣ, муваққатӣ ва корҳои васли конструксияҳои оҳану бетонӣ, филизӣ ва дигар корҳои сохтмон;

корҳои сохтмону ҷудокунии роҳҳои зери манора,кранҳо ва дигар кранҳо; корҳои оид ба иншоотҳои дохилию берунии шабакаҳои обрасонӣ, канализатсия, гармидиҳӣ, газгузаронӣ ва таъмини қувваи барқ; сохтмони иншооти тоза кардани обҳои гандаи саноатӣ ва бунёд кардани иншооти муҳофизати атмосфера аз ифлосшавӣ; корҳои кабудизоркунӣ ва беҳдоштии ҳудуди сохтмон, инчунин шаҳраку шаҳрҳо; хароҷоти иловагӣ вобаста ба иҷрои корҳои сохтмон дар шароити замистон, иловапулӣ ба музди меҳнати коргарон, ки барои ноҳияҳои алоҳидаи мамлакат, инчунин барои соҳаҳо корҳои сохтмону

чудокунии роҳҳои сохтмонҳои чудогона ва барои корҳое, ки дар шароити баландкӯҳ бачо оварда мешаванду дар нархгузории ягона пешбинӣ шудаанд; дигар намуди корҳои сохтмон ва харочот, ки дар меъёру қоидаҳои сохтмон пешбинӣ шудаанд.

Ба корҳои васлгарии таҷҳизот мансубанд: корҳои васлу насби таҷҳизоти технологӣ, энергетикӣ, нақлиёту борбардорӣ, насосу компрессор ва дигар таҷҳизот дар ҷои истифодабарии доимии онҳо, инчунин санҷишу озмоиши сифати васлгарӣ; корҳои васлгарӣ ва насб кардани конструксияҳои филизии техналогӣ, майдончаҳои хизматгузор, зинапоя ва дигар дастгоҳҳо, ки аз ҷиҳати сохт ба таҷҳизот вобаста мебошанд; харочоти иловагии вобаста ба иҷрои корҳо васлгарии дастгоҳҳо дар шароити замистон; дигар кору харочоти дар нархномаи васлгарии дастгоҳҳо пешбини шуда.

Харочоти корҳои сохтмону васлгарӣ аз рӯи нархҳои қарордодӣ, ки дар онҳо харочоти вобаста ба афзоиши масолеҳ, музди кор, харочоти истифодаи мошину механизмҳо ба назар гирифта шудаанд, дарҷ карда мешавад.

2.9 Дар сатри 004 арзиши ҳамаи намудҳои мошину дастгоҳҳо нишон дода мешаванд: мошину дастгоҳҳои ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба сметаи сохтмон дохил мешаванд ё дохил намешаванду васлгарӣ инчунин васлгарии ғайристандартиро талаб мекунанд ё талаб намекунанд.

Ба таркиби харочоти дастгоҳ, асбобу анҷом дохил мешаванд: арзиши таҷҳизоти технологӣ, энергетикӣ, нақлиёту борбардорӣ ва дигар таҷҳизот, ки ба сметаи сохтмон дохил мешаванд; таҷҳизоти лабараторияҳо, устохонаҳо дастгоҳҳои таҷрибавӣ, ҳуҷраҳои рентгенӣ ва дигар ҳуҷраҳои тиббӣ ва ғайра; арзиши таҷҳизоти ғайри- стандартӣ ва фаръии дегхонаҳо (дар лоиҳаҳо ва сметаҳои тасдиқшудаи сохтмони асосӣ ва барои тайёр кардани фармоиши як вақта (ягона) пешбинӣ шудааст); арзиши техникаи ҳисоббарории электронӣ; арзиши асбобҳои назоратию ченкунанда, воситаҳои автоматонӣ ва алоқа, асбобу анҷоми истеҳсолӣ, аз он ҷумла чизҳои арзонбаҳо ва зудфарсо, ки дар сметаи сохтмон ба сифати маҷмӯи аввалияи корхонаҳою иншооти сохташаванда дохил карда шудаанд; харочоти харидани таҳхизот, асбобу анҷоме, ки дар сметаи мӯҷаҳазонидани аввалияи объектҳои бахши иҷтимоӣ (мактабҳои олӣ, донишкадаҳои миёна, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, шифохонаҳо ва ғайраҳо) пешбинӣ шудааст; дигар харочот барои таҷҳизоте, ки дар сметаи ҳисоби ҷамбастии сметаи сохтмон пешбинӣ шудааст; арзиши таҷҳизот, мошину механизмҳое, ки ба сметаи сохтмон дохил намешаванд. Арзиши таҷҳизот, мошину механизмҳое, ки дар сметаи сохтмон дохил намешаванд, яъне чунин таҷҳизоте, ки мувофиҚи тартиботи муқарар шудаи тахияи ҳуҷҷатҳои лоиҳаю смета барои соҳаи зикршуда ба сметаи таҷдид бозтаҷҳизи техникӣ, васеъ кардан ва таъмини иқтидорҳои корхонаҳои амалкунанда ва ба сметаи сохтмони корхонаҳои нав дохил карда шудаанд.

Ба таҷҳизоте, ки ба сметаи сохтмон дохил намешаванд, инҳо мансубанд: Қаторахо, контейнерҳои нақлиёти роҳи оҳан, қаторахои зеризаминӣ , систернаҳо барои ҳамлу нақли гази моеъ, самолётҳо ва дигар таҷҳизоти авиатсияи ҳавоии шаҳрвандӣ, автомобилҳо, автобусҳо, мошинҳои роҳсозӣ ва дигар мошинҳои корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ва хоҷагии роҳ,

троллейбусҳо, мошинҳо барои тоза кардани кӯчаҳо ва дигар мошинҳои хоҷагии коммуналӣ, мошину механизмҳои сохтмон, асбобу анҷом, инчунин васоити нақлиёти сохтмон ва ташкилотҳои васлгарӣ, маҷмӯи Қисмҳои асбобу анҷоми биноюиншооти васлшаванда, хонаю вагон ва фургонҳои анҷоммонӣ ва дигар хонаҳои контейнермонанди ташкилотҳои сохтмон, кашфу ҷустуҷӯйҳои геологӣ, тракторҳо, комбайнҳо, мошинҳои ғалладарав ва воситаҳои наклиёти корхона ва ташкилотҳои кишоварзӣ, автомошинҳо, дигар воситаю контейнерҳои наклиёт барои ҳамлу накли пушта, қаторахои алоқаи пуштаи роҳи оҳан, таҷҳизоти бармакорӣ таҷҳизоти геофизикӣ ва дастгоҳҳои бармакории ташкилотҳои кашфу ҷустуҷуйҳои геологӣ, энергопоездхо, истгоххои баркии дизелии мутахаррик контейнерҳои ташкилотҳои таъминоту савдо, автомағозаҳо, дӯконҳои автомобилӣ сайёр ва дигар таҷҳизот .

2.10. Дар сатри 005 аз рӯи арзиши ҳақиқӣ дигар корҳои асосӣ ва хароҷоте, ки ба таркиби онҳо корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯ (аз ҷумла корҳои сохтмони солҳои оянда ва хароҷоти асосноккунии техникию иктисодӣ), ки аз ҳисоби маблағгузорӣ анҷом дода мешаванд, инчунин хароҷоти назорати муаллифии ташкилотҳои лоиҳакашӣ; хароҷоти таъминоти маъмурияти корхонаи сохташаванда ва назорати техникӣ; корҳои вобаста ба истифодабарию барои ҷустуҷӯй ва ҷуқур барма кардани чоҳҳои нефт, газ ва обҳои гарми зеризаминӣ; хароҷоти бунёди боғ, парвариши дарахтони меваю буттамева (боғу, токзор ва ғайра) хароҷоти бунёди ҷангалҳои муҳофизатӣ (шинондани ниҳолҳо ва нигоҳубини дарахтон); хароҷоти гузаронидани корҳои техникию зироат дар заминҳое, ки хушконидан лозим нест ва хароҷоти зина –зина кардани нишебиҳо; хароҷоти маблағ барои хариди чорвои корӣ ва сермаҳсул,ки корхона ва ташкилотҳои ғайрикишоварзӣ сарф мекунанд; хароҷоти тайёр кардани кадрҳои ба истифодадиҳандаи корхонаҳои сохташаванда, ки дар сметаи сохтмон пешбинӣ шудааст; хароҷот барои ҷудо кардани қитъаи замин ва кӯчонидани аҳолӣ дар натиҷаи сохтмон (ғайр аз корҳои сохтмон, ки ба кӯчонидан вобастаанд); хароҷот барои ҷуброн кардани зараре, ки ба истифодабарандагони замин, ки дар натиҷаи гирифтан ё муваққат ишғол кардани қитъаи замини барои сохтмон, инчунин барои дигар эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷудо кардашуда расонда шудааст; хароҷоти кушодани замини нав ба ивази қитъаи замин ё ки барои сохтмон ва дигар эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз истифодабарандагони он гирифта шудааст (ғайр аз арзиши корҳои сохтмон бо ин мақсадҳо); дигар кору эҳтиёҷоте,ки ба корҳои сохтмон ва васлгарии дар ҳисоби ҷамъбасти сметаи арзиши сохтмон пешбинӣшуда мансуб нестанд, сабт карда мешаванд.

Ба ҳамин сатр инчунин дохил карда мешавад: хароҷоте, ки ба арзиши асосии сметавии корҳои сохтмону васлгарӣ, ки дар натиҷаи қиматшавии арзиши маводу маснуот ва конструксияҳо ба миён омадааст ва дигар хароҷоти таркиби нархҳои қарордодӣ.

2.11. Дар сатри 006 аз сатри 005 ҳаҷми корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯро чӣ барои сохтмони ҷорӣ ва чӣ барои сохтмони солҳои оянда ҷудо мекунанд. Хароҷоти

назорати муаллифии ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва корҳои бо таҷҳизот , асбобҳо ва дигар маснуот ҷиҳозонидан дар сатри 006 сабт карда намешаванд.

2.12. Ба ҳаҷми маблағгузорӣ дохил карда намешаванд: хароҷоти тайёр кардан ва ба истифода додани корхона (хароҷоти ба корандозӣ), ки аз ҳисоби маблағи фаъолияти асосӣ анҷом дода мешаванд: хароҷоти корҳое, ки ба тафтиши пеш аз васлгарӣ ва бартараф намудани камбудии ошкоршудаи таҷҳизот вобастаанд (ғайр аз сарфи хароҷоти аз ҳисоби маблағгузорӣ иҷрошуда); хароҷоти намудҳои ҷудогонаи коре, ки аз ҳисоби сарфи маблағи амалиёт оид ба буҷети давлат ё маблағи фаъолияти асосӣ иҷро карда шудааст; хароҷоти таъмири асосии таҷҳизот, бино иншоот ва дигар фондҳои асосӣ; Хароҷоти замин ва корҳои бунёди ҷангал, инчунин қарзҳои беҳтар кардани замин, ки аз ҳисоби маблағи фаъолияти асосӣ ба ҷо оварда мешаванд; хароҷоти оид ба бартараф намудани нуҚсон ва аз нав иҷро кардани кори бадсифат иҷрошуда; арзиши маводи сохтмон конструксияҳо, блокҳо ва қисмҳое, ки дар майдони сохтмон оварда шуда ё тайёр карда шуданду аммо ҳолло ба кор истифода нашудаанд; дигар хароҷот.

## <u>Сохтмонҳои нотамом.</u>

2.13 Дар сутунҳои 1- 6 нишон дода мешаванд: маблағгузорӣ ва сохтмонҳои нотамоми аз рӯи арзиши аслӣ барои бинокорӣ обектҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, зимнан сохтмонҳои нотамоми обектҳои истеҳсолӣ, ҷудо карда мешаванд.

Сохтмони нотамом маблағи ба обектҳои бино шуда истода аз аввали сохтмон то ба кор андохтани онҳо амалан сарф карда мешавад, дар бар мегирад. Ин хароҷот аз арзиши корҳои иҷрошудаи сохтмон, васлгарӣ ва дигар корҳо, арзиши таҷҳизоти шинондашуда ва таҷҳизоте, ки дар объектховасл карда шуда истодаанд, хароҷоти ободонии ҳудуди сохтмон ва дигар хароҷоти ба сохтмони обектҳои зикршуда иборат мебошад. Аз ин рӯ, хароҷоти иловагии вобаста ба қиматшавии масолеҳ, маснуот ва конструксияҳо, инчунини таҷҳизот дар сатри дахлдор корҳои сохтмону васлгарӣ таҷҳизот, дар сатри дигар корҳои асосӣ ва хароҷот, ба дигар хароҷоти иловагӣ дар таркиби нархҳои қарордодие, ки ба арзиши корҳои сохтмону васлгарӣи дохил нестанд, хамроҳ карда мешаванд.

Маълумотҳои нишондиҳандаҳои зикршуда маҷмӯан аз ҳисоби маблағгузории марказонидашуда ва маблағи кор-хона дарҷ карда мешаванд.

Ба обектҳои сохтмонашон нотамом обектҳое мансубанд, ки сохтмонашон давом дорад; обектҳое, ки сохтмонашон қатъ гардидааст, муваққатан ё тамоман боздошта шудааст, вале бо тартиби муқарраршуда аз ҳисоб баровварда нашудааст; объектҳое, ки дар истифода қарор доранд, аммо санади қабул ҳанӯз ҳам тасдиқ карда нашудаанд.

**Сохтори таҷдиди маблағгузорӣ.**

2.14. Маблағҳои ҷудо кардашуда ва корҳои сохтмону васлгарӣ ба чабҳаҳои дахлдори сохтори маблағгузории илова мувофиқи хусусияти сохтмон, ки дар ҳуҷҷати лоиҳаю сметавӣ нишон дода шудааст, нисбат дода мешавад. Агар дар баробари васеъ кардан ё таҷдиди корхонаи амалкунанда таҷҳизи нави техникӣ низ ба назар гирифта шуда бошад, дар дар он сурат маълумотҳои васеъ кардан, бозтаҷҳизи техникӣ дар ҳисобот на якҷоя, балки аз рӯи ҷабҳаҳои дахлдори зикршуда ҷудогона сабт карда мешаванд.

Агар дар баробари васеъ кардани корхонаи амалкунанда таҷдиди сеххою обектҳои амалкунанадаи асосӣ ёвар ва хизматрасон дар назар дошта шуда бошад, нишондиҳандаи васеъкунӣ ва таҷдид бояд дар ҷабҳаи дахлдори сохтори маблағҷудокунии илова сабт карда шавад.

2.15. Маълумотҳои сохтмони корхонаҳои амлкунанда обектҳои ҷудогона, ки дар ҳуҷҷати лоиҳавию сметавии васеъкунӣ, таҷдид, сохтмони нав пешбинӣ нашудаанд ва ба корҳои муталлиқи бозтаҷҳизи техникии корхонаҳои амалкунанда ё нигоҳ доштани иқтидорҳои амалкунанда, мансуб нестанд, дар сутуни 6 ҳамин фасл навишта мешавад. Ба чунин объектҳо обектҳои ҷудогонаи истеҳсолӣ, шабакаҳои инжинерӣ, анборҳо, комбинатҳои маъмурию маишӣ, ҳуҷраҳои идорӣ ва маишӣ, обектҳои хӯроки умумӣ, объектҳои муолиҷаю пешгирӣ ва таъиноти махсус ва ғайраҳо дохил мешаванд.

2.16. Ба фасли 3 хароҷоти зерин дохил карда намешаванд:

хароҷоти лоиҳакашию ҷустуҷӯ, сохтмони солҳои оянда; хароҷоти пармакории ҷуқурӣ, кашфу истифодаи чоҳҳои нафту газ ва обҳои гарми зери заминӣ.

2.17. Хароҷоти таҷҳизоте, ки ба системаи сохтмон дохил нестанд, танҳо дар сутуни 2 боэтаҷҳизи техникии фасли 3 дарҷ карда мешаванд.

**Ба кор андохтани фондҳои асосӣ ва маблағгузорӣ дар соҳаҳо ва объектҳо мувофиқи Таснифоти умумии намуди фаъолияти иктисоди (ТУНФИ)**

2.18. Дар ин фасл маълумотҳои сохтмони корхонаҳои (объектҳо) аз рӯи намудхои фаъолияти иктсиоди, бо назардошти таъиноти объектҳои сохташаванда тақсим карда мешаванд.

2.19. Воҳиди классификатсионии соҳа, корхона (ташкилот) мебошад, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ дорад. Хароҷоти қисматҳои сохтории корхонаҳо (ташкилотҳо),ки шахси ҳуқуқӣ нестанд, мисли соҳаи асосии истеҳсолоти умуман корхона (ташкилот) сабт карда мешаванд. Масалан, маълумоти сехе, ки борҷомаи картони истеҳсол мекунанду ба ҳайати заводи кимиё дохил мешавад, на ба соҳаи «саноати селлюлозаю қоғаз», балки ба соҳаи «саноати кимиё ва нафту кимиё» дохил карда мешавад.

2.20. Ба сутунҳои 1-3 ҳамин фасли маблағгузорӣ ба соҳаҳо ва объектҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ бо ҷудо намудани унсурҳои сохтории технологӣ, аз ҳисоби маблағи марказонидашуда ва дар сутунҳои 6-7 бошад, аз ҳисоби маблағи худи корхона, сабт карда мешаванд.

Оид ба истеҳсолоти ёрирасон, ки ҳамчун воҳиди мустақили баҳисобгирӣ ҷудо карда шуда истодааст, корхонаи саноатии назди корхона ва ташкилоти

ғайри саноатӣ, корхонаи кишоварзии назди корхона ва ташкилоти ғайрикишоварзӣ, корхонаи сохтмони назди ташкилоти ғайрисохтмон маълумотҳо аз рӯи соҳаҳо низ бо назардошти таиноти ин объектҳо тақсим карда мешаванд.

Агар корхона (ташкилот) якчанд истеҳсолоти ёрирасони саноатӣ дошта бошад, маълумоти ҳар кадоми онҳо алоҳида нишон дода мешавад. Масалан, агар корхона сехи истеҳсоли хишт ва сехи консервабарорӣ месохта бошад, дар он сурат маълумот дар бораи ин объектҳо дар соҳаҳои «саноати маводи сохтмон», «саноати хӯроки болаззат» навишта мешавад.

Масалан, истеҳсолоти ёрирасони кишоварзии назди корхонаи саноатӣ бояд ба соҳаи «кишоварзӣ», истеҳсолоти ёрирасони саноати назди ташкилоти сохтмонӣ ба соҳаи «саноат» сабт карда шавад ва ғайра.

Аз рӯи соҳаҳои истеҳсолоти фаъолияти асосӣ дар сатрҳои холии корхона (ташкилот) маълумот бе хароҷоти истеҳсолоти ёрирасони саноати кишоварзӣ ва сохтмон сабт карда мешавад.

2.21. Дар сатрҳои озоди корхонаи (ташкилоти) ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ маълумоти ҳамон соҳае навишта мешавад, ки ба фаъолияти асосӣ ё ба истеҳсолоти ёрирасон дахл дорад.

2.22. Ба соҳаи «кишоварзӣ» хароҷоти объектҳои электрификатсияи кишоварзӣ низ дохил карда мешаванд: хатти интиқоли қувваи барқ бо шиддати 6-40 кв. барои таъмини қувваи барқи хоҷагиҳои деҳконӣ, комплексҳои чорвопарварӣ, фабрикаҳои ҷӯҷабарорӣ ва дигар корхонаҳои кишоварзӣ; истгоҳҳои барқии дизелии ноҳиявӣ ва байниноҳиявии таъиноти кишоварзӣ; Маълумотҳои чунин объектхо низ дар сатри 490 навишта мешаванд.

2.23. Ба маълумотҳои соҳаи «хизматрасонии итилоотию ҳисоббарорӣ » хароҷоти марказҳои ҳисоббарорӣ ва дигар ташкилотҳое, ки ба корхонаю ташкилотҳо, хизмати итилоотию ҳисоббарорӣ мерасонанд, дохил карда мешаванд. Соҳаи мазкур ба соҳаи истеҳсолӣ дохил мешавад.

2.24. Дар сатрҳои холии фасли 4 танҳо маълумотҳои он зерсоҳаҳои саноат навишта мешаванд, ки номгӯи онҳо дар (замимаи 1) оварда шудааст.

Дар сатрҳои холии сутуни А номи зерсоҳа навишта мешавад, дар сутуни Б рамзи сатр гузошта намешавад, дар сутунҳои 1, 2, 5, 8 маълумоти дахлдор пур карда мешавад. Агар дар корхонаи саноатӣ сохтмони объектҳои фаъолияти асосӣ, ки ба зерсоҳаҳои гуногун дахл доранд, ба амал баровардa шавад, ҳамаи нишондиҳандаҳо аз рӯи ҳар кадом зерсоҳа алоҳида навишта мешавад. Ҷамъи маблағи барои зерсоҳаҳои саноатӣ гузашташуда бояд ба ҳаҷми маблағи умуман барои тамоми соҳа гузошташуда баробар бошад.

Масалан, агар корхона дар ҳайати худ объект ва сехи истеҳсоли арақ ва нӯшокиҳои беспирт дошта бошад, дар он сурат фасли 4 маълумотҳои истеҳсолии соҳаи асосӣ «саноати хӯроквории болаззат» (рамзи сатрҳои холӣ) бо тақсимоти зерсоҳаи «саноти ликёру арақ» ва «истеҳсоли нӯшокиҳои бе спирт» навишта мешаванд.

2.25. Хароҷоти корхонаҳои хушкшӯи, рангубор, шусту шӯй ва коркарди рӯйҷо ва дигар маснуоти газвор дар соҳаи «саноати сабук» сабт карда мешавад.

Маълумоти корхонаҳои саноати намак ва истеҳсоли собун ва атриёту маводи ороишӣ дар соҳаи «саноати кимиё ва нафту кимиё» сабт карда мешавад.

Маблағҳое, ки барои сохтмон, васеъ кардан, таҷдид ва бозтаҷҳизи техникии корхонаю истеҳсолотӣ ҷудо карда шудаанд, ба он соҳаҳои истеҳсолоти фаъолияти асосӣ, ки онҳо хизмат мерасонанд дохил карда мешаванд.

2.26. Ғайр аз маълумотҳои соҳаҳо маълумотҳои сохтмони обектҳои ҷудогонаи аз рӯи таъиноти вазифа муттаҳид гардидаанд, ҷудо карда мешаванд.

Бояд дар назар дошт,ки маълумотҳои онҳо бояд ба соҳаи асосӣ ё ба фаъолияти ёрирасон дохил карда шаванд.

**Ба кор андохтани объектҳои таъиноти манзилию шаҳрвандӣ ва маблағгузорӣ**

2.27. Дар ин фасл навишта мешаванд:

Маълумотҳои ба кор андохтани хонаҳои истиқоматӣ, хобгоҳҳои умумӣ, шифохонаҳо, амбулаторияю дармонгоҳҳо, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои томактабӣ ва дигар обектҳои бахши иҷтимоӣ мувофиқи номгӯяшон, ки дар замимаи 2 сабт шудаанд ва бо нишондоди мақомоти маҳҳалии омор, инчунин мақсадҳои инвеститсионӣ аз ҳисоби маблағгузории муттамарказӣ ва маблағи корхона ва ташкилот ва маблағгузории ин обектҳо.

2.28. Дар ин фасл маълумотҳои объектҳои чӣ аз нав сохта шаванда, чӣ аз навсозӣ, бо таҷҳизот ҷиҳозонидану таҷдид ва васеъ кардани биноҳои дар истифодабуда, сабт карда мешаванд, ба шарте, ки онҳо аз ҳисоби маблағгузорӣ сохта шаванд.

2.29. Иншоотхои манзилию шаҳрвандии ба кор андохташуда, дар ҳисоботи оморӣ ба андозае сабт карда мешаванд, ки аслан мувофиқи тартиботи муқараршуда барои истифодабарӣ қабул шудаанд.

2.30. Ба ҳаҷми маблағгузории истифодашуда ҳамаи хароҷоти яксолаи чӣ объектҳои ба истифода доданашуда ва чи объектҳои сохтмонашон давом ёфтаистода, хароҷоти объектҳое, ки сохтмонашон (аз ҷумла хароҷоти объектҳое, ки сохтмонашон қатъ карда ё мувaққатан боз дошта шудааст ё сохтмонашон комилан қатъ гардидааст) дохил карда мешаванд.

2.31. Дар сутуни 2 дар бораи ба кор андохтани объектҳо аз ҳисоби маблағгузории мутаммарказӣ маълумот дарҷ карда мешавад.

Дар сутуни 3 дар бораи ба кор андохтани объектҳо аз ҳисоби маблағи корхона маълумот сабт карда мешавад. Агар объект аз ҳисоби маблағгузории манбаъҳои гуногун сохта шавад, бояд маълумоти манбае сабт карда шавад, ки сохтмони обект аз ҳисоби он бештар маблағ сарф кардааст.

2.32. Дар сутунҳои 5 ва 6 ба кор андохтани хонаҳои истиқоматӣ ва дигар объектҳои таъиноти иҷтимоию фарҳангӣ, ки дар деҳот, яъне дар маҳалҳое, сохта шудаанд, ки дар асоси қонунгузорӣ ба шаҳр мансуб нестанд, сабт карда мешаванд.

Иншоотҳои манзилию шаҳрвандии деҳот, ки маҷмӯан аз ҳисоби маблағгузории мутамаркaзӣ ва маблағи корхонаю ташкилот сохта шудаанд, агар дар соли

ҳисоботи ба кор андохта шуда бошанд, дар сутуни 5 ва агар соли ҳисоботи гузашта ба кор андохта шуда бошанд, дар сутуни 8 навишта мешаванд.
Масоҳати умумии қобили истифодаи биноҳои истиқоматӣ аз масоҳати манзил ва масоҳати биноҳои ёрирасон иборат аст. Ба масоҳатҳои истиқоматии хонаҳои ҳуҷрадор ва меҳмонхона, инчунин биноҳои ғайриистиқоматӣ, ки хонаҳои сукунатӣ доранд,ба масоҳати хонаҳои истиқоматӣ дохил карда мешавад: ошхона, ҳуҷраи хоб, ҳуҷраи бачаҳо ва дигар ҳуҷраҳои дохили хонаи ҳуҷрадор. Ба масоҳати хобгоҳҳои умумӣ танҳо масоҳати ҳуҷраи хоб ва ҳуҷраҳои сукунати рӯзона ба ҳисоб гирифта мешавад.
Ба биноҳои фаръӣ ёрирасони хонаҳои истиқоматии ҳуҷрадор ва меҳмонхона, инчунин ба хонаҳои дохили бинои ғайрисукунати хонае мансуб аст, ки дар дохили хонаи ҳуҷрадор ҷойгир мебошад: ошпазхона, долон, ҳоҷатхона, ҳаммом, ҷойи (хонаи) либоскашӣ, амбор, ҷевонҳои сохташуда, айвонҳои пӯшидаи пештоқи хона, пешайвон ва ғайра.

Дар хобгоҳҳои умумӣ ба хонаҳои ёрирасон мансубанд: ошпазхона, долон, ҳоҷатхона, ҳамом, ҷойи (хонаи) либоскашӣ ва душхона хонаи либоскашӣ, ҷевонҳои сохташуда ва дигар хонаҳои фарҳангию маишӣ ва хизмати тиббӣ.

## Ба кор андохтани хонаҳои ҳуҷрадор дар биноҳои истиқоматӣ.

2.33. Дар ин фасл дар сатрҳои 023-024 навишта мешавад: маълумот дар бораи ба кор андохтани хонаҳои ҳуҷрадори ҳамаи биноҳои дар соли ҳисобот аз ҳисоби маблағгузории муттамарказӣ ва маблағи корхона ва ташкилотҳо, ба кор андохташудаи биноҳои истиқоматии навъи ҳуҷрадор , яъне хонаҳое ки дар сутунҳои 3 ва 4 фасли 6 нишон дода шудаанд. Масоҳати пешайвон, балкон, айвони квартира, ба ин фасл дохил карда намешавад: Дар хонаҳои истиқоматии навъи меҳмонхона шумораи квартираҳо аз рӯи шумораи ҳуҷраҳои ҷудо кардашуда, ки ба долон дари алоҳидаи баромад, доранд (хонаҳои як ҳуҷрадор) муайян карда мешаванд. Хонаҳои ҳуҷрадор, ки ду ё зиёда ҳуҷра доранд, аз он ҷумла хонаҳои ҷудо карда шуда низ, як ҳисоб мешавад.

## Арзиши сохтмони объектхои таиноти манзилию шахрванди, бинохои истикоматии ошёнадор ва обод.

2.34. Фасли 8 – ро пур мекунанд: танҳо корхона ва ташкилотҳои давлатӣ, ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар корхонаҳои давлатии кишоварзӣ, ки сохтмонро аз ҳисоби маблағгузории мутамарказӣ ва маблағи корхонаю ташкилотҳо анҷом медиҳанд.

## Арзиши сохтмони биноҳои истиқомати вобаста ба маводи девор ва объектҳои алоҳидаи ғайриистеҳсолӣ.

2.35. Дар ин зерфасл навишта мешавад: маълумот дар бораи арзиши сохтмони биноҳои истиқоматии ҳуҷрадор вобаста ба маводи девор ва арзиши сохтмони объектҳои алоҳидаи ғайриистеҳсолӣ: мактабҳои тахсилоти умумӣ, муассисаҳои томактабӣ, шифохонаҳое,ки дар наздашон ё дохилашон дармонгоҳҳо сохта

нашудаанд. Нишондиҳандаҳо дар бораи арзиши сохтмони омузишгоҳҳои касбию техникӣ, кинотеатрҳо клубҳо,хонаҳои фарҳанг ва осоишгоҳҳо ба ҳисобот дохил намешаванд.

Дар сутунҳои 2 ва 4, барои бинокор арзиши аслии ба кор андохтани объектҳои мутобиҚан дар сутунҳои 1 ва 3 ҳамин зерфасл навишташуда, дарҷ карда мешаванд.

**Ошёнадории ҳамаи биноҳои истиқоматӣ ва хобгоҳҳои умумӣ (беболосохт ва биноҳои истиқоматии аз ғайри истиқоматӣ таҷҳизонда шуда)**

2.36. Дар ин зерфасл масоҳати умумии қобили истифодаи биноҳои истиқоматӣ ва хобгоҳҳои умумии нав сохташуда (бе болосохт, сохтмони иловаи биноҳои истиқоматӣ,ки аз ғайриистиқоматӣ ва истиқоматӣ иборатанд ва биноҳои ғайриистиқоматӣ, ки аз нав таҷҳизонида шудаанд),ки дар ошёнаҳои истиқоматӣ тақсим карда шудаанд, сабт карда мешаванд.

**Ободонии ҳамаи манзилҳои истиқоматӣ ва хобгоҳҳои умумӣ.**

2.37. Дар ин зерфасл низ ҳамчун зерфасли 8. 3 навишта мешаванд: масоҳати умумии қобили истифодаи биноҳои истиқоматӣ ва хобгоҳҳои умумӣ, ки аз рӯи намуди ободонӣ тақсим шудаанд.

2.38. Дар сатри 050 навишта мешавад: масоҳати умумии бинои истиқоматӣ, ки бо облӯла таҷҳизонида шудааст ва дар дохили хона шабакаи об тақсимкунӣ дораду об аз облулаи мутамарказ ё аз чоҳи артезианӣ ҷорӣ мешавад. Агар дар ҳавлӣ ҷуйаки обтақсимкунӣ бошаду ба даруни хона шабакаи об гузаронида нашуда бошад, дар он сурат масоҳати чунин хонаҳо бо облӯла таҷҳизонидашуда ба ҳисоб гирифта намешаванд ва дар сатри мазкур навишта нахоҳанд шуд

Зимни ин масоҳате таҷҳизонидашуда ба ҳисоб меравад, ки агар ошхонаи алоҳида аз шабакаи обтақсимкунӣ ҷуйаки облӯла насб шуда бошад.

2. 39. Дар сатри 051 навишта мешавад: масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ, ки бо канализатсия таҷҳизонида шудаанд. Ба чунин хонаҳо мансубанд: хонаҳое, ки барои ҷорӣ шудани обҳои ифлос бо шабакаи канализатсияи кӯча ё ба чоҳҳои ҷабанда канализатсия доранд. Зимни ин масоҳати канализатсияи таҷҳизонидашуда набояд аз масоҳати бо облӯла таҷҳизонидашуда зиёд бошад.

2 .40. Дар сатри 052 ба ҳисоб гирифта мешаванд: масоҳати хонаҳое, ки бо таҷҳизоти мутамарказии гармирасонӣ, сарфи назар аз манбаи таъмини гармӣ: аз дегхонаҳои худи хонаҳо, гурӯҳӣ (маҳалла) ё аз дегхонаи ноҳиявӣ, муттаҳида, ё аз маркази гармирасонии барқӣ, инчунин аз таҷҳизоти обгармкунандаи хонаҳо (АГВ) ва аз дегхонаҳои гармидиҳандаи ҳаҷмашон хурд, ки ба воситаи газ ё сӯзишвории сахт (ангиштсанг) гарм шуда бошад.

2.41. Дар сатри 053 сабт карда мешавад: масоҳати хонаҳое, ки аз манбаъҳои мутамаркзӣ бо гармӣ таъмин карда мешаванд, яъне хонаҳое, ки аз маркази гарми диҳандаи барқӣ ё аз дегхонаҳои дар боло зикр шуда гармӣ расонда мешавад.

2.42. Дар сатри 054 ба ҳисоб гирифта мешаванд: хонаҳое, ки сарфи назар аз манбаи расондани оби гарм ҳаммом ё душхона доранд, ки аз системаи оби гармрасонии марказӣ ё аз таҷҳизоти обгармикуни масоҳате,ки бо канализатсия таҷҳизонида нашудааст, ҳаммом ва душхона надорад, хонаҳои обод ҳисоб карда намешаванд.

2.43. Ҳангоми гурӯҳбандии хонаҳо аз рӯи намудҳои ободонии дар боло зикршуда мавҷуд будан ё набудани тобаҳои барқӣ ва плитаи газ набояд ба назар гирифта шавад.

2.44. Дар сатри 055 ба назар гирифта мешавад: масоҳати хонаҳое, ки бо плитаи газ таҷҳизонида шудаанд. Дар сатри 055 бошад, хонаҳое навишта мешаванд, ки бо плитаи барқии рӯифаршӣ таҷҳизонида шудаанд, сарфи назар аз он, ки хонаҳо дигар намудҳои таҷҳизот доранд, ё не. Масоҳати умумӣ дар сурат бо газ муҷаҳаз ҳисобида мешавад, агар барои тайёр кардани хӯрок плитаи газ аз шабакаи газ ё аз гази моеи алоҳидаи балонӣ таъмин карда мешуда бошад.

**Дар бораи маблағгузорӣ барои муҳофизати муҳити зист ва дуруст истифода бурдани захираҳои табиӣ.**

2.45. Фасли IX– ро ташкил медиҳанд : корхонаҳо, ташкилотҳои давлатии бинокор, савхозҳо ва дигар корхонаҳои давлатии кишоварзӣ, корхонаҳо (ташкилотҳое), ки ба шакли коллективии моликият таалуқ доранд, хоҷагиҳои деҳқонӣ.

Маблағгузорӣ ва корҳои сохтмону васлгарӣ бо нархҳои ҷорӣ сабт карда мешаванд.

Дар ин фасл дохил карда мешаванд: маълумотҳо дар бораи чорабиниҳое, ки чӣ дар таркиби корхонаҳои нав сохташудаистода, чӣ дар корхонаҳои амалкунанда ба амал бароварда мешаванд. Маблағгузорӣ ва корҳои сохтмону васлгарӣ чӣ дар объектҳои дар соли ҷорӣ ба истифода додашаванда ва чӣ дар объектҳое, ки сохтмонашон соли оянда низ давом мекунад, навишта мешаванд.

Дар сатрҳои 058 – 070 навишта мешаванд: маълумот дар бораи чорабиниҳое, ки бинокорон аз ҳисоби маблағгузорӣ иҷро менамоянд.

2.46. Дар сатри 058 сабт карда мешаванд: мақсадҳои инвестисионӣ дар маблаггузорӣ ва корҳои сохтмону васлгарӣ,ки чӣ аз ҳисоби маблағи буҷҷет ва чӣ умуман аз ҳисоби худи корхонаҳо барои тамоми чорабиниҳои муҳофизатӣ ва истифодаи дурусти оҚилонаи захираҳои табиӣ, таҚсим карда мешаванд, анҷом дода хоҳанд шуд.

2.47. Дар сатри 059 маблағгузорӣ барои чорабиниҳои муҳофизатӣ ва истифодаи дурусти захираҳои об навишта мешаванд: ба чунин иншоот мансубанд: марказҳои соф кардани обҳои ифлоси истеҳсолӣ ва коммуналӣ;

системаи канализатсияи шаҳрҳо; коммуникатсияҳои (колекторҳои) асосӣ барои баровардани обҳои ифлоси саноатӣ аз ҷумла оби боронҳои сел ва иншоотҳои онҳо: истгоҳҳои обкашӣ,истгоҳҳои назорати, тайёри барои ба меъёри миёна нигоҳ доштани обҳои ифлос ва тайёр кадани зарфҳо барои муваққатан ҷамъ кардани ин обҳо дар (ҳолатҳои садама) аз меъёри муқаррари

зиёд ҷамъ шудани оби ифлос ва минбаъд ба маркази обсофкунӣ ҷорӣ кардани он. Зимни ин, ба коммуникатсияи асосӣ шабакаҳои дохили майдончаҳои корхонаҳои «саноатӣ» дохил намешаванд; хароҷоти барҳам додани манбаъҳои ифлосшавӣ ва муҳофизати обҳои зери замин; таҷдиди (бастани) олати об ҷамъкуни барои софкорӣ; комплексҳои таҷрибавию саноатӣ барои кашидани оби зери заминӣ; корҳои вобаста ба беҳтар намудани ҳолати техникӣ ва беҳдоштии обанборҳо ва ҳавзҳои табиӣ;

танзими ҷараёни дарёҳои хурд, тоза кардани ҷараёни онҳо ва дигар чорабиниҳои барқарор намудану нигоҳ доштани ҳолати хуби гидроологӣ ва вазъӣ беҳдории дарёҳои хурд; беҳтар кардани сифати онҳо зарфиятҳои обҷамъкунӣ, таҳшингоҳҳо, иншооту дастгоҳҳои тоза кардани об, каналҳои биологӣ, экранҳое, ки леститсидҳоро нигоҳ медоранд ва ғайра.

Чорабиниҳои пешгирии ифлосшавии оби рӯи замин ва зери замин ҳангоми гӯр кардани партовҳои истеҳсолот ва истифодаи онҳо ғайр аз партовҳои радиоактивии саноатӣ):

Таъсиси системаи автоматии идора намудани комплексҳои хоҷагии об дар ҳавзаҳои дарёҳои муҳимтарин:

2.48. Дар сатри 060 дохил карда мешаванд: ҷамъи маълумотҳо дар бораи ҳамаи марказҳои тозакунии оби ифлоси истеҳсолӣ ва коммуналӣ (биологӣ, физикию кимиёвӣ ва механикӣ), аз рӯи таиноти худ таксим карда мешаванд. Мафҳуми "истгоҳ ё марказ" маҷмӯи иншооти софкории биологӣ, физикию кимиёвӣ ё механикӣ мебошад, ки барои гузаронидани раванди то меъёри муҚарраршуда, яъне то ба категорияҳои меъёрию софкорӣ расидан, соф кардани оби ифлос зарур аст. Иқтидори марказ аз рӯи ҳаҷми оби ифлосе, ки бояд тавассути иншооти софкорӣ дар як шабонарӯз пурра соф карда шавад, муайян карда мешавад (ҳаҷми обе, ки аз ҳамаи иншооти софкории марказ мегузарад , ҷамъбаст карда нашуда, балки як маротиба ба ҳисоб гирифта мешавад).

Мутобиқан дар ҳисобот низ иқтидори ҳар кадом марказ бояд танҳо аз рӯи иҚтидори иншооте, ки марҳалаи охирони софкориро иҷро менамояд, навишта шавад. Масалан, иқтидори марказ барои софкории биологӣ бояд аз рӯи иҚтидори иншооте, ки танҳо марҳаллаи охирини софкории биологиро иҷро менамояд, навишта шавад. Маблағгузорӣ аз рӯи маркази софкорӣ бояд умуман оид ба тамоми маҷмӯи иншооте,ки ба таркиби он дохил мешавад ва ҳамаи марҳилаҳои софкориро, ки дар лоиҳаи сохтмони маркази мазкур пешбинӣ шудаасту таъмин менамояд, дарҷ карда шавад. Агар дар натиҷаи васеъ кардан ё таҷдиди маркази амалкунандаи софкорӣ иқтидори лоиҳавии он афзояд, дар он сурат маълумотҳои афзоиши иқтидори ин марказ ва маблағгузорӣ низ бояд дар ҳисобот дар сатрҳои дахлдор навишта шаванд.

2.49. Дар сатри 061 навишта мешавад: маблағгузорӣ ба сохтмони иншоотҳои муҳофизати ҳавои атмосфера аз моддаҳое, ки аз газҳои техналогӣ ва аз ҳавои вентилятсияи корхонаҳои нав сохташудаистода ва амалкунанда ҷудо мешаванд:

дастгоҳу олотҳои газу чангкашак, ки барои кашидан ва безарар гардонидани моддаҳои зараровари газе, ки аз агрегатҳои технологӣ ва аз ҳавои

винтилиятсионӣ пеш аз ба атмосфера сар додани он хориҷ мешавад. Агар ин олотҳо бевосита вазифаи беҳдоштиро адо кунанд, яъне моддаҳои зарароварро ба ҳавои атмосфера ҳар Қадар камтар сар диҳанд, олоти ҳифзи табиат ҳисоб мешаванд; олоти сехҳои таҷрибавии саноатӣ барои таҳияи усулҳои аз партовҳои зараровари газҳои марказ хориҷшаванда; ба атмосфера назорату танзим оид ба тафтишу кам кардани зарари гази автомобилҳо; хароҷоти таъсиси системаи автоматии назорати олудагии ҳавои атмосфера, равшан кардани манбаъҳои доимии ба фазо тавассути асбобҳои назоратӣ сар додани моддахои зараровар харочоти сохтмон, харидану таҷҳизонидани лабараторияҳои назорати олудагии ҳавои атмосфера; хароҷоти асбобу олоти сӯзондани гази Қафои мошинҳо ва дигар усулҳои пурра тоза кардании он пеш аз сар додан ба атмосфера, зеро дар натиҷаи ин тадбири пешгирӣ олудагии ҳаво кам мешавад, инчунин хароҷоти сохтмони дудкашҳо, агар баъди истифодаи ҳамаи воситаҳои муосири техникии кам кардани ихроҷи партовҳо, меъёрҳои ПДЗ таъмин нагардад;
дастгоҳ (истеҳсолот) барои истифодаи моддаҳои газҳои партов; хароҷот барои ба амал баровардани чорабиниҳо оид ба муҳофизати ҳавои атмосфера дар истгоҳҳои барҚии атомӣ ва истгоҳҳои гармидиҳандаи атомии марказӣ (системаи маҳдудию фалокати ва ғайра);
2.50. Дар сатри 063 нишон дода мешавад: маблағгузорие, ки барои чорабиниҳои вобаста ба муҳофизату оқилона истифода бурдани захираҳои ҷангал ва чарогоҳҳои гавазнпарварӣ, барои сохтмони объектҳои зидди сӯхтор (марказҳои зидди сӯхтору кимиёвӣ, дидбонгоҳҳои зидди сӯхтор ва ғайра) пойгоҳҳои ҳавопаймо ва барои онҳо харидани техникаи зидди сӯхтор ва дигар мошину маводи моддӣ ва воситаи техникӣ; барои сохтмони марказҳои биологӣ ва лабараторияҳои биологӣ оид ба ҳимояи биолгию кимиёвии ҷангал ва таҷҳизи онҳо харид кардани дастгоҳҳо, мошину дигар техникаи муборизаи зидди ҳашароти зараррасону касалиҳои ҷангал; барои ташкилу ободонии минтаҚаи сарсабзи атрофи шаҳрҳо, шаҳракҳо, осоишгоҳҳо ва ғайра; барои муҳофизати чарогоҳҳои гавазнҳо; барои дигар чорабиниҳои вобаста ба оҚилона истифода бурдани захираҳои ҷангал (хариди мошину дастгоҳҳо барои нигоҳубини дарахтон ва буридани дарахту шоху навдаҳои хушкида ва ғайра).

## Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ аз руи намудҳо

**Пур кардани маълумот** бо ҳазор сомонӣ бо як аломат пас аз нуқтаи даҳӣ бо ҷамъи афзоянда (январ-март, январ-июн, январ-сентябр, январ-декабр) сурат мегирад.

**Дар сатри 102** сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ нишон дод мешавад: хароҷоти сохтмон, таҷдид (аз ҷумла васеъкунӣ ва навсозӣ)-и объектҳое, ки боиси баланд шудани арзиши ибтидоии онҳо мегарданд, ба даст овардани мошин, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, асбобу анҷоми истеҳсолӣ ва хоҷагӣ, баҳисобгирии муҳосибии онҳое, ки бо тартиби муқарраршуда барои ҳисоби маблағгузории берун аз дороиҳои гардон анҷом дода мешаванд, сармоягузориҳо ба объектҳои моликияти зеҳнӣ; захираҳои биологии

парваришшаванда, инчунин хароҷот барои ба даст овардани воситаҳои асосии воридотӣ (мувофиқи СҲМ 2008).

**Дар ин сатр** сармоягузориҳо аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ, аз ҷумла маблағҳои буҷетӣ дар асоси баргардонидашаванда ва бебозгашт, қарзҳо, кӯмакҳои техникӣ ва башардӯстона ва созишномаи мубодила ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Дар сатри 102** инчунин хароҷоте, ки аз ҳисоби маблағҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқие, ки аз ҷониби ташкилотҳои сохтмонӣ барои сохтмони ҳиссавӣ дар асоси шартномаҳои мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибдодашуда ҷалб гардида, ба амал бароварда шуданд инъикос мегардад.

Дар баробари ин ба сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар суратҳисобҳои эскроу ҷойгир шудаанд ва аз ҷониби сохмончиҳо дар суратҳисобҳои ғайритавозунӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд, дохил намешаванд.

Агар ба сохтмончӣ ҳуқуқ дода шавад, ки аз иштирокчиёни сохтмони ҳиссавӣ бе истифодаи суратҳисобҳои эскроу маблағ ҷалб намояд, пас ин маблағҳо дар сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ба ҳисоб гирифта шуда, дар **сатри 102** нишон дода мешаванд.

**Дар сатри 102** хароҷот барои сохтмон, таҷдид (аз ҷумла васеъкунӣ ва навсозӣ) ва таҷҳизонидани техникии биноҳо ва иншоотҳо, ки аз корҳои анҷомёфтаи сохтмон ва дигар хароҷоти асосии ба онҳо тааллуқдошта (корҳои лоиҳакашию ҷустуҷуӣ, хароҷот барои ҷудо намудани қитъаҳои замин барои сохтмон, пардохти андози замин (иҷора) дар давраи сохтмон ва ба он монанд) ки ба арзиши инвентарии бино (иншоот) ҳангоми ба истифода додани объект дохил карда мегарданд, инъикос карда мешаванд.

Хароҷот барои сохтмони бино, аз ҷумла хароҷоти алоқаи (коммуникатсияи) дохили бино, ки барои истифодабарии он заруранд (тамоми системаи гармидиҳӣ ва канализатсияи дохили бино, шабакаи дохилии газ, об, ноқилҳои барқ ва рӯшноӣ, сими телефон, дастгоҳҳои ҳавокашӣ барои мақсадҳои санитарии умумӣ, бардорандаҳо, лифтҳо ва дигар объектҳои ба ин монанд) нишон дода мешаванд.

Хароҷот барои корҳои сохтмонӣ ва лоиҳакашӣ-ҷустуҷӯӣ ба маблағи ҳаҷми амалан иҷрошуда (сарфи назар аз лаҳзаи пардохти онҳо) дар асоси ҳуҷҷат (маълумотнома) дар бораи арзиши корҳои иҷрошуда (харҷот), ки фармоишгар ва ташкилоти иҷрокунандаи кор имзо кардааст, дохил карда мешавад. Ба арзиши корҳои сохтмонӣ инчунин арзиши масолеҳи фармоишгар, ки ташкилоти сохтмонӣ ҳангоми иҷрои кор дар давраи ҳисоботӣ истифода кардааст ва дар маълумотномаи арзиши корҳои иҷрошуда, ки фармоишгар ва пудратчӣ (иҷрокунандаи кор) имзо кардаанд, инъикос нагардидааст, дохил карда мешавад.

**Дар сатри 103** сармоягузорӣ ба биноҳои истиқоматӣ ва иншоотҳо нишон дода мешавад. Инҳо биноҳои истиқоматӣ, биноҳо ё қисмҳои биноҳоеро дар бар мегиранд, ки пурра ё асосан ҳамчун ҷои истиқомат истифода мешаванд: ба фонди манзил дохил мешаванд (таъиноти умумӣ, хобгоҳҳо, хобгоҳҳои интернатҳо, хонаҳои кӯдакон, хонаҳои пиронсолон ва маъюбон) ва ба фонди

манзил дохил нашудаанд. (хонаҳои коммутаторӣ, хонаҳои боғча, иншоотҳои намуди контейнерии истиқоматӣ, хона-вагонҳои сайёр, иншоотҳое, ки барои манзил мувофиқ карда шудаанд (вагонҳо, контейнерҳо ва дигар объектҳои ба ин монанд).

**Дар сатри 105** сармоягузорӣ ба биноҳои ғайриистиқоматӣ, ки таъиноти онҳо ба фароҳам овардани шароити меҳнат, хизмати маишию маданиии аҳолӣ, нигоҳ доштани сарватҳои моддӣ ва ғайра мебошад, нишон дода мешавад. Ба биноҳои ғайриистиқоматӣ биноҳои саноатӣ, кишоварзӣ, тиҷоратӣ, савдо, маъмурӣ, фароғатӣ, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, мактабҳо, беморхонаҳо, зиндонҳо ва дигар иншооти шабеҳ дохил мешаванд.

**Дар сатри 106** хароҷот барои ҳамаи намудҳои иншоот нишон дода мешаванд. Ба иншоот объектҳои муҳандисию сохтмоние, ки бо ёрии корҳои сохтмону васлкунӣ сохта шудаанд: шоҳроҳҳо, роҳҳо, роҳи оҳан, хати парвози фурудгоҳҳо ҷойҳои тирпарронӣ, майдончаҳои таълимӣ, нуқтаҳои фармондеҳӣ, купрукҳо, эстакадаҳо, сарбандҳо ва дигар иншооти гидротехникӣ, қубурҳо, хатҳои алоқа, конҳо, иншоотҳои варзишӣ, иншоотҳои истироҳатӣ, ёдгориҳо ва дигар объектхои ба ин монанд дохил мешаванд.

**Дар сатри 107** сармоягузориҳо барои ободонии замин нишон дода мешаванд: хароҷот барои корҳои мелиоративӣ; хароҷот барои гузарондани савияи корҳои техникӣ дар заминҳое, ки хушк карданро талаб намекунанд, зина зина кардани нишебиҳои сахт, маблағгузории асосӣ барои ба куллӣ беҳтар намудани заминҳо; тоза кардани қитъаҳои замин, мелиоратсия, тағйир додани релеф (ҳамворкунии ҳудуд), хароҷоти вобаста ба пешгирии обхезӣ, хароҷоти вобаста ба додани ҳуқуқи моликият ба замин.

**Дар сатри 109** хароҷот барои хариди воситаҳои нақлиёт нишон дода мешаванд: василаҳои ҳаракаткунандаи роҳи оҳан, нақлиёти автомобилӣ, ҳавоӣ, нақлиёти электрикии шаҳрӣ.

Арзиши воситаҳои нақлиёт, ки аз рӯи шартҳои иҷораи (лизинги) молиявӣ гирифташуда, аз ҷониби иҷорагир (лизинггиранда) дар ҳисоби ғайритавозунӣ ба ҳисоб гирифташудааст, **дар сатри 109** нишон дода намешавад.

**Дар сатри 110** хароҷот барои ба даст овардани таҷҳизоти иттилоотӣ, компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ (минбаъд -ТИК) нишон дода мешаванд. Ба онҳо таҷҳизоти иттилоотӣ, мошинҳо ва таҷҳизоти мукаммал, ки барои табдил додан ва нигоҳ доштани иттилоот пешбинӣ шудаанд ва ба онҳо дастгоҳҳои идоракунии электронӣ, ҷузъҳои электронӣ ва ғайра, ки қисмҳои ин мошинҳо ва таҷҳизот мебошанд, дохил мешаванд. Ба таҷҳизот барои ТИК инчунин навъҳои гуногуни моҳшинҳои ҳисоббарор, аз ҷумла шабакаҳои ҳисоббарор, дастгоҳҳои мустақили вуруду баромади маълумотҳо, инчунин таҷҳизот барои системаҳои алоқа – таҷҳизоти интиқол ва қабули алоқаи радиоӣ, радиошунавонӣ ва телевизион, таҷҳизоти алоқаи барқӣ дохил мешаванд.

**Дар сатри 111** хароҷот барои ба даст овардани дигар мошину таҷҳизот (ба сметаи сохтмон дохилшуданд ва дохил карда нашудаанд), инчунин хароҷоти васли борбардору нақлиёти барқӣ, насосу компрессор ва дигар таҷҳизоти дар маҳалли кори доимӣ қарордошта, тафтиш ва санҷидани сифати

васлкунӣ (озмоиши инфиродии навъҳои алоҳидаи мошину механизмҳо ва озмоиши маҷмуии ҳамаи навъҳои таҷҳизот) нишон дода мешаванд.

Дар ин сатр инчунин, хароҷот барои хариди асбобу анҷоми истеҳсолӣ ва рӯзгор, аз ҷумла мебел дохил мешаванд.

Ба таҷҳизоте, ки барои тайёр кардани онҳо бо истеҳсолкунандагони онҳо мувофики дараҷаи тайёр будани қисмҳои алоҳида, хисобу китоби фосилавӣ анҷом дода мешавад, маблағҳое, ки фармоишгар дар асоси санадҳо дар бораи дараҷаи тайёр будани қисмҳои таҷҳизот барои пардохт кабул кардааст, инъикос карда мешавад.

Дар ин сатр ҳамчунин арзиши мошину таҷҳизоте, ки дар ҳисоби «Таҷҳизот барои васлкунӣ» ба ҳисоб гирифта шудаанд, нишон дода мешавад.

**Дар сатри 111** нишон дода намешаванд:

- мошину таҷҳизоте, ки бо мақсади бозфурӯшӣ харида шудаанд;

- таҷҳизоти санитарӣ-техникӣ ва дигар, ки ба арзиши биноҳо тааллуқ доранд;

- хароҷоти ба кор андохтан: санҷиши омодагии истеҳсолот, сехҳо ва агрегатҳои нав барои ба кор андохтани онҳо бо роҳи озмоиши маҷмӯии (таҳти сарборӣ) ҳамаи мошину механизмҳо (истифодаи озмоишӣ) бо истеҳсоли маҳсулоти дар лоиҳа пешбинишуда; танзими таҷҳизоте, ки ба арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат) дохил мешавад;

- арзиши мошину таҷҳизоте, ки аз рӯи шартҳои иҷораи (лизинги) молиявӣ гирифташуда, аз ҷониби иҷорагир (лизинггиранда) дар ҳисоби ғайритавозунӣ ба ҳисоб гирифташудааст.

Дар ин сатрҳо инчунин арзиши мошинҳо, таҷҳизот, ТИК, воситаҳои нақлиёт (аз ташкилотҳои болоӣ, ба сифати кӯмаки техникӣ ва башардӯстона, аз ҳисоби барномаҳои мақсаднок) гирифташуда (нав ва тавассути воридот) ва дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун воситаҳои асосӣ қабул карда шудаанд, нишон дода мешаванд.

**Дар сатри 113 аз сатри 112** хароҷот барои ташаккули подаи ҳайвонҳои корӣ, маҳсулдеҳ ва зотӣ ҷудо карда мешаванд: арзиши чорвои калони шохдори барои подаи асосӣ харидашуда, аз ҷумла хароҷоти дастраскунии он, хароҷоти парвариши чорвои ҷавони маҳсулдеҳ ва корӣ дар хоҷагӣ ва ба подаи асосӣ гузарондашуда.

**Дар сатри 114 аз сатри 112** хароҷот барои кишт ва парвариши зироатҳои бисёрсола (ниҳолҳои меваю буттамеваи ҳама намудҳо, кабудизоркунӣ ва дарахтони ороишӣ, минтақаҳои ҷангали муҳофизатӣ ва дигар, ниҳолшинонии сунъии боғҳои ботаникӣ ва дигар муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ) ҷудо карда мешаванд.

**Дар сатрҳои 115-120** сармоягузориҳо ба моликияти зеҳнӣ инъикос мегарданд. Ба инҳо маҳсулоти зеҳние дохил мешаванд, ки натиҷаи фаъолияти ақлонӣ, зеҳнӣ, рӯҳонӣ, тадқиқот, коркард, навоварӣ, фаъолиятҳо оид ба иктишоф ва арзёбии захираҳои канданиҳои фоиданок, ки имкони ба даст овардани донишҳое, ки коркардкунандагон метавонанд ба манфиати худ дар истеҳсолот фурӯшанд ё истифода баранд, зеро истифодаи ин донишҳо тавассути қонунҳо ва ҳимояи ҳуқуқӣ (патент, ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқҳои

вобаста ба он) ё ҳимояи дигар (ҳифзи ташкилию техникӣ: масалан, татбиқ намудани тартиботи сирри тиҷоратӣ нисбат ба натиҷаҳои дар рафти тадқиқоти илмӣ ба даст овардашуда, бо мақсади пешгирӣ кардани истифодаи онҳо аз тарафи дигарон бе иҷозати ташкилот) маҳдуд гаридаанд, мебошанд.

Ба объектҳои моликияти зеҳнӣ инҳо дохил мешаванд: асарҳои илмӣ ва дигар намудҳои фаъолияти эҷодӣ дар соҳаи истеҳсолот (тадқиқотҳои илмӣ, конструкторӣ ва натиҷаҳои онҳо, сирри тиҷоратӣ, инчунин маълумоте, ки дар натиҷаи иктишоф ва арзёбии захираҳои канданиҳои фоиданок ба даст омадаанд, нармафзор ва махзани маълумотҳо барои компютерҳо); нусхаҳои аслии асарҳои фароғатӣ, адабиёт ва санъат; дигар объектҳои моликияти зеҳние, ки дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун дороиҳои ғайримоддӣ қабул шудаанд.

**Дар сатри 116 аз сатри 115** хароҷот барои корҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию лоиҳакашӣ ва технологие, ки ташкилотҳо (ба истиснои карзӣ) бо қувваи худ ё ҳамчун фармоишгари шартномавии ин корҳо иҷро мекунанд, ки натиҷаи онҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун дороиҳои ғайримоддӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, ҷудо карда мешаванд. Дар ин сатр инчунин корҳои корҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию лоиҳакашӣ ва технологӣ, ки аз рӯи онҳо натиҷаҳое ба даст оварда шудаанд, ки таҳти ҳимояи ҳуқуқӣ мебошанд, вале бо тартиби муқарраршуда ба расмият даровварда нашудаанд ё барои онҳо натиҷаҳое ба даст оварда шудаанд, ки тибқи меъёрҳои ҷории қонунгузорӣ таҳти ҳимояи ҳуқуқӣ нестанд, ба инобат гирифта мешаванд.

Натиҷаи тадқиқотҳои илмӣ ва конструкторӣ ихтирооти моделҳои фоиданок, намунаҳои саноатӣ, дастовардҳои селексионерӣ, топологияи микросхемаҳои интегралӣ, сирри истеҳсолӣ (ноу-хау), асарҳои меъморӣ, шаҳрсозӣ ва санъати боғдорӣ, аз ҷумла дар шакли лоиҳаҳо, расмҳо, тасвирҳо ва тарҳҳо мебошанд.

**Дар сатри 117 аз сатри 115** хароҷот барои иктишоф ва арзёбии захираҳои канданиҳои фоиданок ҷудо карда мешавад. Ба инҳо хароҷоти пармакунии ҷустуҷӯӣ барои гирифтани намунаҳои хок ҳангоми корҳои сохтмон, пармакунии ҷустуҷӯӣ ҳангоми тадқиқоти геофизикӣ, геологӣ ва ба ин монанд, пармакунии чоҳҳои иктишофии нафт, газ ва канданиҳои фоиданоки сахт (аз ҷумла конҳои пароканда), аз ҷумла дар минтақаҳои тунукобаи баҳрҳо ва укёнусҳо; хароҷот барои ҳуқуқи иҷрои корҳои ҷустуҷӯӣ, арзёбии конҳои фоиданок ва (ё) иктишофи канданиҳои фоиданок; хароҷот барои гирифтани маълумот дар бораи натиҷаҳои тадқиқоти топографӣ, геологӣ ва геофизикӣ, натиҷаҳои пармакунии ҷустуҷӯӣ, натиҷаҳои гирифтани намуна ва дигар маълумоти геологӣ дар бораи қаъри замин; хароҷот барои арзёбии мувофиқатии тиҷоратии лоиҳаҳо.

**Дар сатрҳои 118 аз сатри 115** хароҷот барои офаридан ва ба даст овардани нармафзори компютерӣ ҳам барои системаи компютерӣ (аз ҷумла маҳсулоти нармафзоре, ки ташкилотҳо ба онҳо ҳуқуқи истисноӣ надоранд, инчунин пардохт барои насби нармафзор) ва ҳам барои нармафзори барномавии амалӣ ва махзани маълумотҳо, ки ба онҳо маҷмӯи файлҳои маълумотҳо, ки мувофиқи қоидаҳои муайян ташкил карда шудаанд ва дар хотираи компютер нигоҳ дошта шуда, вазъи кунунии соҳаҳои муайяни

предметро тавсиф мекунанд ва барои қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии истифодабарандагон истифода мегардад дохил мешаванд, ҷудо карда мешавад.

**Дар сатри 119 аз сатри 115** хароҷот барои офаридан ва ба даст овардани асарҳои фароғатӣ, адабиёт ва санъат ҷудо карда мешавад. Ба онҳо филмҳои аслӣ, сабтҳои овозӣ, дастнависҳо, лентаҳои магнитӣ, моделҳо ва ғайра дохил мешаванд, ки дар он асарҳои театрӣ ва дигар асарҳои драмавӣ сабт ё аз нав эҷод карда мешаванд (таҷассум мешаванд), барномаҳои радио ва телевизион, намоишҳои мусиқӣ (консертҳо), чорабиниҳои варзишӣ, асарҳои адабӣ ва бадеӣ, асарҳои наққошӣ, ҳайкалтарошӣ, графика, дизайн, ҳикояҳои графикӣ, комиксҳо ва дигар асарҳои санъати тасвирӣ, асарҳои ҳунарӣ ва намоишсозӣ, асарҳои суратгирӣ ва асарҳое, ки бо усулҳои шабеҳ ба суратҳо, фонограммаҳо гирифта шудаанд.

**Дар сатри 120** дигар маҳсулоти моликияти зеҳнӣ ба монанди маҳсулоте, ки фондҳои асосӣ мебошанд, вале ба ҳеҷ кадоме аз ҷузъҳои ин категорияи дар боло баррасишуда дохил карда нашудаанд, нишон дода мешавад.

**Дар сатри 124** хароҷот барои ба даст овардани захираҳои табиӣ, ки ҳамчун захираҳои пайдошудаи табиӣ мебошанд, аз қабили замин, захираҳои об, ҷангалзорҳои худруй ва захираҳои маъданҳои фоиданок, ки арзиши иқтисодӣ доранд, нишон дода мешаванд.

**Дар сатри 125** хароҷот барои гирифтани қитъаҳои замин ва объектҳои истифодаи табиат дар асоси ҳуҷҷатҳои аз ҷониби мақомоти давлатии идораи замин ва заминсозӣ аз рӯи ҳисобномаҳои пардохтшуда ё барои пардохт қабулшуда нишон дода мешавад. Дар сатри мазкур хароҷоти вобаста ба додани ҳуқуқи истифодаи объектҳои зикршуда инъикос намеёбад.

Барои гирифтани қитъаҳои замин, аз ҷумла додани ҳаққи замин ҳангоми харидан, гирифтани (харидани) қитъаҳои замин барои сохтмон ва объектҳои истифодаи табиат.

Замин аз қитъаи замин, аз ҷумла хоки рӯи замин ва ҳама гуна обҳои рӯизаминӣ иборат аст, ки ба онҳо ҳуқуқи моликият муқаррар карда мешавад ва моликони онҳо дар натиҷаи истифодаи онҳо фоидаи иқтисодӣ ба даст оварда метавонанд. Ба арзиши замин инҳо дохил намешаванд: арзиши ҳама намуди биною иншоотҳо, ки дар он сохта шудааст ё дар болои он мегузаранд; арзиши зироатҳо, дарахтон ва ҳайвонот; арзиши канданиҳои фоиданоки маъданӣ ва энергетикӣ; арзиши захираҳои биологии истифоданашуда ва захираҳои оби дар зери замин ҷойдошта.

**Дар сатри 126** хароҷот барои ба даст овардани захираҳои канданиҳои фоиданоки маъданӣ ва энергетикӣ, ки аз захираҳои маъданӣ ва энергетикии дар рӯи замин ё зеризамин ҷойгиршудаанд ва барои истифода аз ҷиҳати иқтисодӣ бо назардошти технологияи мавҷуда ва нархҳои нисбӣ муфид мебошанд, ҷудо карда мешаванд.

**Дар сатри 127** хароҷот барои захираҳои биологии коркарднашуда, ки аз ҳайвонот, паррандагон, моҳӣ ва наботот иборат аст, ки ҳам як маротибагӣ ва ҳам якчанд маротибагӣ маҳсулот меоранд, ҷудо карда мешаванд. Барои онҳо ҳуқуқи моликият муқаррар ва таъмин карда шуда бошад ҳам, вале афзоиши

табиӣ ва такрористеҳсолкунии онҳо таҳти назорат, масъулият ва роҳбарии бевоситаи воҳидҳои институтсионалӣ намебошад.

**Дар сатри 128** захираҳои обе, ки аз захираҳои обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии барои истихроҷ истифодашаванда то он дараҷае, ки маҳдудияти онҳо таъмини ҳуқуқи моликият ва/ё ҳуқуқи истифода, арзёбии бозорӣ ва баъзе тадбирҳои назорати иқтисодиро тақозо мекунад ҷудо карда мешавад. Агар имконнопазирии ҷудо кардани арзиши обҳои рӯизаминӣ аз заминҳои ба он алоқаманд бошад, тамоми дороиҳо бояд ҳамчун қисми зиёди арзиши умумӣ гурӯҳбандӣ карда шаванд.

**Дар сатри 129** дигар захираҳои табиӣ, ки дар **сатри 125-129** ҳисоб нашудаанд, ҷудо карда мешаванд.

**Дар сатри 130** хароҷот барои ба даст овардани қарордодҳо, шартномаҳои иҷора, иҷозатнома (аз ҷумла ҳуқуқи истифодаи объектҳои табиӣ), ки дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун дороиҳои ғайримоддӣ инъикос ёфтаанд, яъне он дороиҳои ғайримоддие, ки натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ маҳсуб намеёбанд ва дороиҳои истеҳсолшуда ҳисобида намешаванд, зеро онҳо ба натиҷаҳои амалиёти ҳуқуқӣ ё муҳосибӣ алоқамanданд, ҷудо карда мешаванд.

Ба қарордодҳо, шартномаҳои иҷора, иҷозатномаҳо - шартномаҳои иҷораи молиявӣ (лиизнгӣ), иҷозатнома барои истифодаи захираҳои табиӣ, барои машғул шудан ба баъзе намудҳои фаъолият, ҳуқуқҳо барои дар оянда гирифтани мол ва хизматрасониҳо дар асоси истисноӣ дохил мешаванд.

**Дар сатри 131** хароҷот барои ба даст овардани шартномаҳои муомилотии лизинги амалиётӣ нишон дода мешавад.

Шартномаҳои муомилотии лизинги амалиётӣ – инҳо ҳуқуқҳои моликияти шахсони сеюм, ки ба воситаҳои асосӣ дохиланд мебошанд. Масалан, вақте ки барои иҷорагири бино иҷорапулии муқаррааргардида бошад, аммо дар сурати набудани шартномаи иҷора метавонист аз бино маблағи зиёдтар ситонида шавад. Агар дар ин шароит иҷорагир метавонад биноро ҳам ба таври қонунӣ ва ҳам амалан ба иҷора диҳад, пас вай дороие ба монанди шартномаҳои лизинги амалиёти муомилотии бозорӣ дорад.

**Дар сатри 132** хароҷот барои гирифтани иҷозатномаи истифодаи захираҳои табиӣ нишон дода мешавад.

Иҷозатнома барои истифодаи захираҳои табиӣ – ин ҳуқуқҳои моликияти шахсони сеюм ба захираҳои табиӣ мебошанд. Масалан, шахсе, ки квотаи моҳидорӣ дорад ва метавонад онро ҳам ба таври қонунӣ ва ҳам амалан ба шахси дигар фурӯшад.

**Дар сатри 133** хароҷоти гирифтани иҷозатнома барои машғул шудан ба баъзе намудҳои фаъолият нишон дода мешавад.

Иҷозатнома барои машғул шудан ба намудҳои муайяни фаъолият дар ҳолатҳои зерин сурат мегирад:

**a.** шумораи иҷозатномаҳо маҳдуд аст ва ба дорандагони иҷозатнома имкон медиҳад, ки фоидаи инҳисорӣ ба даст оранд;

**b.** фоидаи инҳисорӣ, ки ба истифодаи дороии шахси иҷозатнома диҳанда алоқаманд набошад,

**c.** дорандаи иҷозатнома ҳуқуқи қонунӣ ва амалии фурӯхтани

иҷозатномаро ба шахси сеюм дошта бошад.

Чунин иҷозатномаҳоро пеш аз ҳама мақомоти идоракунии давлатӣ медиҳанд, вале метавонанд аз ҷониби дигар ташкилотҳо дода шаванд.

**Дар сатри 134** хароҷот барои гирифтани ҳуқуқи дар оянда гирифтани мол ва хизматрасониҳо ба таври истисноӣ нишон дода мешавад.